Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад
Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Банӣ одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

11 июли соли 2026
Шанбе
№ 55 (15274)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН ШАЙХУЛИСЛОМ АЛЛОҲШУКУР ПОШОЗОДАРО БО ОРДЕНИ «ЭЛ-ЮРТ ҲУРМАТИ» САРФАРОЗ ГАРДОНД

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 10 июл раиси Идораи мусулмонони Қафқоз, Шайхулислом Аллоҳшукур Пошозодаро, ки барои иштирок дар Форуми якуми байналмилалии тамаддуни исломӣ ба кишвари мо ташриф овардааст, ба ҳузур пазируфт.**



Дар оғози мулоқот Сарвари давлати мо ба шайхулислом барои туҳфа намудани китоби «Баландтарин нуқтаи бародарӣ ва ҳампаймонӣ», ки ба талошҳои муштараки роҳбарони Ӯзбекистон ва Озарбойҷон бахшида шудааст, изҳори сипос намуд.

Зимни суҳбат масъалаҳои таҳкими минбаъдаи ҳамдигарфаҳмии байни миллатҳо, таҳаммулпазирии динӣ, баланд бардоштани тарбияи маънавии ҷавонон ва дигар мавзӯъҳои муҳим мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтанд.

Президенти Ӯзбекистон як қатор пешниҳодҳои муҳимро барои ба сатҳи нав баровардани ҳамкории дуҷонибаи фарҳангиву маърифатӣ ироа намуд.

Ҳамчунин зарурати муттаҳид сохтани иқтидори илмӣ дар истифодаи платформаҳои рақамӣ ва воситаҳои интерактивии таълимӣ барои ба ҷавонон бо забони содда ва ҷолиб фаҳмонидани моҳияти ҳақиқии ин сондӯстонаи дини ислом таъкид гардид.

Дар анҷоми мулоқот Сарвари давлат ба Аллоҳшукур Пошозода барои саҳми бузургаш дар рушди илми ҷаҳони ислом ордени «Эл-юрт ҳурмати»-и Ӯзбекистонро супурд.

**ӮзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

## МУҲИМ БУДАНИ ГУСТАРИШИ МИНБАЪДАИ ҲАМКОРӢ БО ICESCO ТАЪКИД ГАРДИД

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев директори генералии Созмони ҷаҳонии исломӣ оид ба маориф, илм ва фарҳанг (ICESCO) Салим ал-Моликро, ки барои иштирок дар Форуми якуми байналмилалии тамаддуни исломӣ ба кишвари мо ташриф овардааст, ба ҳузур пазируфт.**

Зимни мулоқот масъалаҳои густариши минбаъдаи ҳамкории бисёрҷанба байни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва ин ниҳоди бонуфузи Созмони ҳамкории исломӣ баррасӣ шуданд.

Бо қаноатмандӣ таъкид гардид, ки ҳамкории амалӣ бо ин сохтори байналмилалӣ пайваста рушд ёфта истодааст.

Дар назди Академияи байналмилалии исломии Ӯзбекистон кафедраи ICESCO фаъолият мекунад. Имсол дар шаҳри Тошканд намояндагии расмии ин созмон ифтитоҳ гардид. Ҳамчунин, дар натиҷаи ҷаласаи навбатии Кумитаи мероси фарҳангии ҷаҳони ислом, ки моҳи феврал баргузор шуд, ҳафт объекти мероси моддӣ ва ғайримоддии фарҳангии Ӯзбекистон ба Феҳристи ICESCO дохил карда шуданд.

Дар ҷараёни мулоқот ба масъалаҳои тармим, ҳифз ва рақамикунонии ёдгориҳои фарҳангӣ ва дастхатҳо, муаррифии васеи мероси ғании таърихии кишвари мо тавассути платформаҳои байналмилалии расонаӣ, инчунин баргузории чорабиниҳои муштарак диққати махсус дода шуд.

Дар анҷоми мулоқот Президенти Ӯзбекистон Салим ал-Моликро барои саҳми шахсиаш дар оммавигардонии густурдаи мероси ғании фарҳангии кишвари мо бо мукофоти олии давлатӣ — ордени «Дӯстлик» сарфароз гардонд.

**ӮзА.**

## УСУЛҲОИ НАВИ ТАРБИЯИ КАДРҲО ДАР АСОСИ СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ТАЪЛИМӢ МУАРРИФӢ ГАРДИДАНД

**Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимоти пешниҳодот оид ба татбиқи барномаҳои таълими миёнаи махсус, касбӣ ва олӣ дар асоси стандартҳои байналхалқии таълимӣ, вусъат додани ҳамкории академӣ бо донишгоҳҳои пешқадами хориҷӣ шинос гардид.**

Дар 8 соли охир дар мамлакатамон ислоҳоти доманфарох татбиқ гардид, ки ба рушди низоми таълими олӣ ва вусъат додани дастрасии ҷавонон ба таҳсили босифат нигаронда шудааст.

Аз он ҷумла фарогирӣ бо таълими олӣ аз 9 то 44 фоиз, теъдоди донишҷӯён аз 270 ҳазор то 1,7 миллион нафар афзуданд. Соли ҷорӣ аз 643 техникум дар 100-тоаш барномаҳои пешқадами таълимии касбии Олмон, Британияи Кабир, Швейсария, Чин, Корея ва мамлакатҳои дигар татбиқ карда мешавад.

Донишгоҳи миллии тадқиқотии «Донишкадаи илмӣ-тадқиқотии обёрӣ ва мушкилоти захираҳои об» ва Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон ба қатори беҳтарин муассисаҳои таълими олии ҷаҳон бинобар таснифоти бонуфузи байналхалқӣ дохил гардиданд. Ғайр аз ин 157 барномаи таълимии мактабҳои олии таълимӣ дар арсаи байналхалқӣ номнавис гардиданд.

Ҳамзамон таъкид ёфт, ки барои минбаъд баланд бардоштани сифати таълим, мустаҳкам намудани рақобатпазирии байналхалқии муассисаҳои олии таълимии миллӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои бузург барои хатмкунандагон дар бозори ҷаҳонии меҳнат зарур аст фаъолияти ин соҳа ба дараҷаи сифатан нав баровarда шавад.

То соли 2030 мақсад гузошта шудааст, ки ба қатори 500 донишгоҳи беҳтарини ҷаҳон ҳадди ақал 5 муассисаи олии таълимии ватанӣ дар таснифи умумӣ дохил гарданд, боз 10 муассиса дар таснифоти фаннӣ бояд дохил шавад. Ғайр аз ин ба нақша гирифта шудааст, ки 100 барномаи таълимии муассисаҳои олии таълимӣ молики сабти номи байналхалқӣ гардида, дар на камтар аз 150 техникум барномаҳои таълимии байналхалқӣ бояд татбиқ гарданд. Дар заминаи таъмин намудани на камтар аз 30 фоизи хатмкунандагон ва устодони муассисаҳои олии таълимӣ бо сертификатҳои байналхалқии оид ба забонҳои хориҷӣ, касбҳо ва ихтисосҳо, равона намудани 2,5 ҳазор муаллимони техникумҳо ва 20 ҳазор устодони муассисаҳои олии таълимӣ барои такмили ихтисос ба хориҷи кишвар вазифаҳо муайян гардиданд.

Дар тақдимот ба масъалаҳои татбиқи васеи барномаҳои таълимии ҳамгиро эътибори алоҳида нигаронда шуд.

Ҳоло ҳозир чандин муассисаи таълими олӣ барномаҳои муштаракро бо донишгоҳҳои хориҷӣ ба амал татбиқ менамоянд. Аммо онҳо асосан байни ду муассисаи таълими олӣ ташкил гаштаанд, ки ин имконоти донишҷӯёнро барои озод интихоб намудани самти таълим маҳдуд менамояд.

Дар таҷрибаи байналхалқии барномаҳои таълимии ҳамгиро ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки дар якчанд донишгоҳ таҳсил намоянд, аз бартарияти муҳити академӣ ва стандартҳои таълими мамлакатҳои гуногун истифода намоянд.

Дар ҳамкорӣ бо беш аз 10 муассисаи олии таълимии Британия аллакай чунин барномаҳо дар Донишгоҳи Инха дар шаҳри Тошканд ва Донишгоҳи меъмориву сохтмони Тошканд аз рӯйи самти «идораи тиҷорат», «меъморӣ» ва «технологияи иттилоотӣ» татбиқ гаштанд. Дар натиҷа 371 донишҷӯ аз рӯйи модели «1+3», «2+2» ва «3+1» таълим мегиранд ва соҳиби дипломе шуда метавонанд, ки ба стандартҳои таълимии Британия мутобиқанд. Таъкид шуд, ки аз ҳисоби чунин низом харҷи донишҷӯёнро барои таълим ва иқомат дар хориҷа 10 баробар кам кардан мумкин. Имрӯз беш аз ҳазор донишҷӯ аз Ӯзбекистон дар Британияи Кабир бинобар барномаи таълимии чорсола таҳсил менамоянд. Харҷи таҳсил ва иқомати ҳар яки онҳо соле то 50 ҳазор доллар мерасад.

Бинобар ин пешниҳоди таъсис додани Мактаби олии барномаҳои таълимии ҳамгиро дар назди Донишгоҳи меъмориву сохтмони Тошканд таклиф гаштааст.

Ҷараёни таълимӣ дар мактаби олӣ дар асоси барномаи донишгоҳҳои британии Нортумбри ва Хартфордшир ташкил карда мешавад. Дар марҳалаи оянда татбиқи барномаҳои таълимии донишгоҳи италянии Сапиенса, донишгоҳи британии Саутгемптон, донишгоҳи шотландии Глазго ва дигар муассисаҳои таълими олии пешқадами ҷаҳон пешбинӣ мегардад.

Ба мактаби олӣ озодии академӣ, молиявӣ ва ташкилӣ дода мешавад. Бо иштироки намояндагони мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таълими олии шарик ва ширкатҳои бузург шӯрои нозирон ташкил карда мешавад. Хатмкунандагон дипломи муассисаи олии таълимии хориҷии шарик ва мактаби олиро дарёфт мекунанд, ки дар Ӯзбекистон шинохта мешавад.

Ғайр аз ин, дар мактаби олӣ ва муассисаҳои таълимии шарик татбиқи барномаи таълимии то дараҷаи 8 бинобар стандартҳои британӣ ва ҳамчунин ташкил намудани курсҳои такмили ихтисос барои кадрҳои роҳбарикунанда оид ба тафаккури стратегӣ, пешвоӣ, идораи рақамӣ, тасмимгирӣ ва идоранамоӣ, ки ба натиҷагирӣ муқаррар гаштааст, ба нақша гирифта шудааст.

Дар тақдимот чунин моделҳои таълимӣ, мисли «2+3», «1+2», «2+1», «1+3», «2+2» ва «3+1» баррасӣ гардид, ки давомияти байни мактаб, литсейи академӣ, техникум ва низоми таълими олиро таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, хатмкунандагони синфҳои 9 метавонанд дар давоми ду сол дар мактаб, литсейи академӣ ё техникум таълим гиранд ва баъд дар тӯли се сол таҳсилро дар муассисаи олии таълимии ватанӣ ва ё шарики хориҷӣ идома диҳанд. Хатмкунандагони техникумҳо соҳиби имкони идома додани таҳсил дар донишгоҳ бо барномаи кӯтоҳшудаи таълимӣ соҳиб мегарданд.

Ногузирии вусъат додани барномаҳои таълимии ҳамгиро инчунин ба чунин самтҳои бартаринок мисли тиббиёт, энергетика, санъат ва хоҷагии қишлоқ таъкид шуд.

Ба Маркази байналхалқии таснифот ва баҳогузорӣ супурда шуд, ки барномаҳои таълими ҳамгиро ба талаботи академии ТОП-100 донишгоҳҳои ҷаҳон мутобиқ карда шуда, инчунин якҷоя бо онҳо барномаҳоро дар андозаи «1+3» ва «2+2» таҳия намоянд.

Дар назди марказ гурӯҳи кории доимоамалкунанда барпо мегардад, ки аз коршиносони хориҷӣ иборат мегардад. То охири соли 2027 он на камтар аз 2 марказ оид ба татбиқи барномаҳои таълимӣ созмон медиҳад, ки онҳо дипломҳои донишгоҳҳои пешқадами хориҷиро медиҳанд.

Инчунин пешниҳод гардид, ки ба низоми нави барномаи стипендияи фонди «Эл-юрт умеди» мутобиқ гардонда шавад. Аз ин пас ин ба Мактаби олии барномаҳои таълимии ҳамгиро ва барномаҳои таълимии ҳамгирои дигар муассисаҳои олии таълимии ватанӣ татбиқ мегардад.

Ғайр аз ин, барои ҷавононе, ки шартан ба донишгоҳҳои пешқадами ҷаҳон номнавис шудаанд, механизми сарпур намудани харҷашон барои таълим дар курси аввали муассисаҳои олии таълимии ватанӣ ё худ бинобар барномаи «Foundation» татбиқ карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки онҳо дар Ӯзбекистон таҳсилро шурӯъ намуда, баъд онро дар хориҷа идома диҳанд.

Дар тақдимот инчунин пешниҳод дар бораи дар Тошканд бунёд намудани Шаҳраки донишгоҳҳои байналхалқӣ баррасӣ гардид, ки дар он муассисаҳои таълими олии пешқадами хориҷӣ ва ватанӣ ҷойгир карда мешаванд.

Зимни татбиқи лоиҳа пешниҳод шуд, ки таҷрибаи «Education City» дар Қатар, шаҳраки академии байналхалқии Дубай дар Аморати Муттаҳидаи Араб ва Кампуси ҷаҳонии Инчхон дар Ҷумҳурии Корея истифода гарданд.

Ба шаҳраки донишгоҳ ҷалб намудани филиалҳои муассисаҳои олии таълимии бонуфузи хориҷӣ, сохтмони кампусҳои таълимӣ ва хобгоҳҳои донишҷӯён, сода намудани талаботи литсензионӣ, ҷудо намудани грант ва стипендияҳо, ҷорӣ намудани имтиёзоти гумрук ва андоз ва ҳамчунин қисман ҷуброн намудани роялт пешниҳодот таҳия намудан супориш дода шуд.

Таъкид шуд, ки мақсади асосӣ ба маркази пешқадами таълимии минтақа табдил додани Ӯзбекистон мебошад, ки дар он барнома ва стандартҳои таълимии байналхалқӣ татбиқ мегарданд.

Президенти мамлакатамон пешниҳодотро дастгирӣ намуд ва ба шахсони масъул дар бобати зина ба зина вусъат додани барномаҳои таълимии ҳамгиро, таъмин намудани сифати онҳо бинобар талаботи байналхалқӣ ва ҳамчунин роҳандозии ҳамкории академии дарозмуддат бо донишгоҳҳои маъруфи хориҷӣ супоришоти дахлдор дод.

**ӮзА.**

*Сабина МАҲЛ:*

## ТАШАББУСҲОИ ӮЗБЕКИСТОН НАҚШИ ПЕШСАФОНАИ ОНРО ДАР ПЕШБУРДИ ПАЙГИРОНАИ РӮЗНОМАИ МИНТАҚАВӢ ДАР АРСАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БА ТАВРИ РАВШАН НИШОН МЕДИҲАНД

***Ҳамоҳангсози доимии Созмони Милали Муттаҳид дар Ӯзбекистон Сабина Маҳл дар мусоҳиба бо хабарнигори агентии иттилоотии «Дунё» дар бораи аҳамияти қатъномаи Маҷмаи умумии СММ таҳти унвони «Таҳкими ҳамкории минтақавӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ барои таъмини рушди устувор дар минтақаи Осиёи Марказӣ», ки бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев қабул шудааст, дурнамои ҳамкории байни Ӯзбекистон ва низоми СММ, инчунин нақши ҷавонон дар таъмини рушди устувор изҳори назар кард.***



**– Ин қатънома, ки бо ташаббуси Президенти Ӯзбекистон пешниҳод гардид, ҳамагӣ дар давоми ҳашт моҳ бо ризоияти умумӣ қабул шуд. Ба назари Шумо, чунин дастгирии босуръат то чӣ андоза бозгӯйи тағйироте мебошад, ки дар солҳои охир дар минтақа ба амал омадааст ва он дар бораи сатҳи кунунии ҳамкории байни Ӯзбекистон ва низоми Созмони Милали Муттаҳид чӣ мегӯяд?**

– Мо аз қабули ин қатънома, ки аз ҷониби Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев пешниҳод шудааст, самимона истиқбол мекунем. Тавре ки маълум аст, ин ҳуҷҷат аз номи тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ пешниҳод шуда, хусусияти муттаҳидкунанда ва аҳамияти минтақавии онро таъкид мекунад.

Аҳамияти хоси қатъномаро он далел собит месозад, ки 66 давлат онро ҳаммуаллифӣ кардаанд. Ин аз дастгирии васеи байналмилалӣ аз ин ташаббус ва эътирофи аҳамияти он дар рӯзномаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад.

Пеш аз ҳама, ин қатънома барои мардуми Осиёи Марказӣ аҳамияти бузурги амалӣ дорад, зеро ба таҳкими ҳамкории минтақавӣ, рушди муносибатҳои ҳамсоягии нек, густариши эътимоди мутақобила ва ҷустуҷӯи муштараки роҳҳои посух ба таҳдиду чолишҳои муосир равона шудааст. Маҳз чунин равиш заминаи устуворро барои таъмини сулҳи пойдор, субот ва шукуфоӣ дар минтақа фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, мо қабули ин қатъномаро қадами воқеан муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мекунем.

Аз ҷониби худ, ҷамоаи СММ дар Ӯзбекистон, ки 25 агентӣ, фонд ва барномаи СММ-ро муттаҳид мекунад, ҳамкории зичро бо Ҳукумати кишвар идома медиҳад. Мо аз татбиқи ҳамаҷонибаи ташаббусҳои пешниҳодшуда ва ислоҳоти амалишаванда дастгирӣ намуда, барои ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор ва пешрафти минбаъдаи иҷтимоиву иқтисодии Ӯзбекистон саҳм мегузорем.

**– Дафтари шумо дар амалисозии ҳадафҳои ин қатънома чӣ нақш хоҳад дошт?**

– Тавре маълум аст, қатъномаҳои СММ аз ҷониби давлатҳои узв қабул мешаванд. Аз ин рӯ, ин ташаббус ба таври равшан нақши пешсафонаи Ӯзбекистонро нишон медиҳад, ки дар якҷоягӣ бо дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ рӯзномаи минтақавиро дар арсаи байналмилалӣ пайгирона пеш мебарад.

(Давомаш дар саҳ.2).

# ШАҲРИ НАВЕ ДАР АНДИҶОН АРЗИ ВУҶУД МЕНАМОЯД

***Вақте ки ҳавопаймои ширкати ҳавонавардии «Силк авиа» (Ӯзбекистон) ба майдони ҳавоии Андиҷон фуруд омад, акрабаки соат яки зӯҳро нишон медод. Офтоб болои сар беист нурафшонӣ мекард, вале ҳавои тобистон чандон гарму тоқатфарсо набуд. Касе аз мусофирон низ шитоб намекард, ки аз нури сӯзони Офтоб худро зудтар зери соя расонад.***



Ҳадаф аз омадани журналистон ба шаҳри Андиҷон бозтоби чанд рӯйдоди муҳими фарҳангӣ буд, ки дар шаҳри навбунёди Бобур бояд ба вуқӯъ мепайваст. Дарвоқеъ, доир ба тафсилоти чорабиниҳои фарҳангӣ, ки бахшида ба расман ворид шудани рақси «Полкаи Андиҷон» ба Китоби рекордҳои Гиннесс ва «Пойтахти фарҳанги турк дар соли 2026 эълон шудани Андиҷон» муштарии рӯзномаро бевосита аз ҷои ҳодиса хабардор карда будем.

Ҳоло дар бораи он нақл хоҳем кард, ки Андиҷон чи шаҳрест ва дар кадом минтақаи он шаҳристони нави Бобур бунёд мегардад. Дар маъхазҳо омадааст, ки Андиҷон аз шумори шаҳрҳои калонтарин дар водии Фарғона мебошад ва дар канори ҷанубу шарқи водии Фарғона, андак дур аз минтақаи марзии Ӯзбекистон бо Қирғизистон воқеъ гаштааст.

Шаҳр дар Роҳи бузурги абрешим ҷой гирифтааст ва зодгоҳи адиби маъруф, сарлашкар ва арбоби давлатӣ Заҳириддин Муҳаммад Бобур мебошад.

Дар натиҷаи сиёсати хирадмандонаи Сардори давлат Андиҷон дар даҳсолаи охир ба як шаҳри муҳими саноатии кишвар табдил ёфтааст. Гуфта мешавад, маҳсулоти гуногуни он, мисли моводи кимиёвӣ, асбобҳои рӯзгор ва электроника, хӯроквории, мебел, плуг, насос, пойафзол, қисмҳои техникаи кишоварзӣ, асбобҳои гуногуни муҳандисӣ ва аробачаҳои маъюбӣ дар болоравӣ ва рушди иқтисоди мамлакат хеле мусоидат менамоянд.

Бо назардошти он ки Андиҷон минтақаи сераҳолитарини ҷумҳурӣ мебошад, соли 2021 бо ташаббуси Президент дар яке аз ҷойҳои барҳавои он ба сохтмони шаҳри нав оғоз бахшиданд, ки дар қаламрави ноҳияи Андиҷон қарор дорад.

Аз маълумоти дафтари матбуоти ҳокимияти вилоят бармеояд, ин шаҳр дар масоҳати 4 ҳазор гектар бунёд мегардад. Сохтмони шаҳр дар ҳашт марҳила ба нақша гирифта шудааст. Дар айни ҳол беш аз 60 бинои баландошёна бо 1 ҳазору 770 хона ба истифода дода шудааст. Ҳамчунин, сохтмони мактаб бо 1 ҳазору 680 ҷойи нишаст, кӯдакистон бо 420 ҷой, поликлиника барои 250 нафар ба фарҷом расидааст ва мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст. Дар ин шаҳристони нав корхонаи саноати сабук, маркази ипотека низ таъсис ёфтааст.

Манбаи мазкур меафзояд, ки аллакай оилаҳои зиёд ба хонаҳои тайёр кӯчида, бофароғат зиндагӣ мекунанд. Махсусан шодиву нишоти кӯдаконе, ки дар майдончаҳои муҷаҳҳази байни биноҳо машғули бозӣ ҳастанд, ба дили пиру барно шодӣ бахшидааст. Зеро онҳо то кунун аз чунин шароити муносиб ва барояшон хушоянд ҳаргиз бархурдор нашудаанд. Аз рӯи маълумоти дафтари матбуоти ҳокимияти вилоят бармеояд, ки корҳои сохтмон бо суръати баланд идома доранд. Интизор меравад, ки то охири соли равон боз 40 бинои бисёрошёна бо зиёда аз як ҳазор манзил сохта шавад. Ғайр аз ин, бунёди нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ низ ба нақша гирифта шудааст. Танҳо дар масоҳати 1 ҳазору 820 гектар замин майдонҳои сарсабз бунёд мегарданд. Пас аз анҷоми сохтмон беш аз 410 ҳазор нафар сокинони вилоят метавонанд дар ин ҷо маскан гузинанд ва зиндагӣ кунанд.

Барои таъмини оби нӯшокӣ иншооти нигоҳдорӣ ва интиқоли об бо иқтидори чор ҳазор метри мукааб ба истифода дода шудааст. Дар масоҳати 19 гектар боғи «Ӯзбекистони Нав» сохтаанд ва дар муддати кӯтоҳ зиёда аз даҳ ҳазор дарахтони ороишӣ, буттаҳо ва гулҳо атрофу акнофи онро сарсабзу хуррам мегардонанд. Боғи дорои амфитеатр, хиёбонҳо барои сайру гашт, бӯстонсаройҳо барои истироҳат, роҳравҳои ороишӣ, қаҳвахонаҳо, майдончаи бозии кӯдакон ва системаҳои равшанӣ ба шукӯҳи ин шаҳри нави Андиҷон шукӯҳи тоза зам намудааст.

Мо дар вақтҳои фориғ аз чорабиниҳои густарда ин шаҳри навбунёдро тамошо кардем. Эътимод ҳосил намудем, ки он хеле бо тарҳи хубу замонавӣ эъмор гардидааст ва барои сайёҳони дохиливу хориҷӣ хеле мусоидат мекунад. Махсусан, шомгоҳон ин боғи фароғатии навбунёд намои хеле пурҷилоро касб менамояд. Аллакай аз масофаи дур он ба чашм мехӯрад ва кас мехоҳад, ки зудтар аз наздик онро тамошо кунад.

Миқёси лоиҳа хеле доманфарох аст. Мувофиқи он дар 1 ҳазору 439 гектар биноҳои истиқоматии бисёрошёна сохта мешаванд.

Дар Андиҷони Нав, ки шаҳри Бобур унвон гирифтааст, муҷассамаи Заҳириддин Муҳаммад Бобур гузошта мешавад. Ин матлаб зимни сафари Президент ба Андиҷон баён гардидааст. Шавкат Мирзиёев андешаҳои худро дар бораи зарурати инъикоси воқеии симои Бобур ва табдил додани ин минтақа ба боғи фароғатӣ баён кардааст, ки интизор меравад, бар асоси мероси Бобурҳо сохта хоҳад шуд.

Ба гуфтаи Сардори давлат шаҳри Бобур мунтазам ба макони маънавие табдил меёбад, ки арзишҳои миллии моро дар бар мегирад. Ин шаҳр, мисли шаҳри бузурге, ки ба номи шоир ва мутафаккири бузург Навоӣ дар вилояти ҳамноми Навоӣ номгузорӣ шудааст, ба пули маънавии байни таърихи пурифтихори мо ва оянда табдил меёбад ва дар таърихи нав ҷойгоҳи сазоворро касб хоҳад намуд. Дарвоқеъ, муҷассамаи нави бошукӯҳи Бобур дар нуқтаи баландтарини боғ насб карда хоҳад шуд. Барои амалӣ кардани ин ҳадафҳо барномаи хос қабул шудааст ва бар ин асос 250 миллион доллар ихтисос дода мешавад.

Дар ниҳоят, аз як чорабинии дигари экологӣ ёдовар шудан бамаврид аст, ки ба ҳифзи муҳити зист нигаронида шудааст. Ин ташаббус аз ҷониби як гурӯҳи ихтиёриёни ҷавони фаъол ташкил карда шудааст, ки дар он ҷавонони зиёд аз қисматҳои гуногуни шаҳр фаъолона иштирок кардаанд. Онҳо ғояҳои баланд бардоштани фарҳанги экологӣ дар байни аҳолӣ, ҳифзи табиат ва муносибати эҳтиёткорона бо муҳити зистро таблиғ намудаанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*Вилояти АНДИҶОН.*

*Сабина МАҲЛ:*

# ТАШАББУСҲОИ ӮЗБЕКИСТОН НАҚШИ ПЕШСАФОНАИ ОНРО ДАР ПЕШБУРДИ ПАЙГИРОНАИ РӮЗНОМАИ МИНТАҚАВӢ ДАР АРСАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БА ТАВРИ РАВШАН НИШОН МЕДИҲАНД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Дар солҳои охир мо шоҳиди як қатор чунин ташаббусҳо гардидем ва ин ба оянда умеди бештар мебахшад. Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев борҳо бо Дабири кулли СММ мулоқот кардааст. Аз ҷумла, соли гузашта вохӯрии онҳо дар Туркманистон, дар доираи конфронси кишварҳое, ки ба баҳр роҳ надоранд, дар шаҳри Аваза сурат гирифт. Дар ҷараёни ин мулоқотҳо пайваста аҳамияти ҳамкории бисёрҷониба таъкид гардид.

Имрӯз, дар ҳоле ки принсипҳои ҳамкории бисёрҷониба дигар ҳамчун як амри бебаҳс пазируфта намешаванд, хеле муҳим аст, ки Ӯзбекистон на танҳо ин равишро пайгирона ҷонибдорӣ мекунад, балки садоқати худро ба он тавассути ташаббусҳои мушаххаси байналмилалӣ низ собит месозад. Кишвар нишон медиҳад, ки муттаҳид сохтани талошҳо барои ҳалли масъалаҳои умумӣ то чӣ андоза метавонад самарабахш бошад.

Имрӯз Осиёи Марказӣ намунаи равшани он аст, ки бо шарофати муколамаи созанда ва эътимоди мутақобила ба чӣ натиҷаҳо метавон ноил шуд.

Ҳамкории минтақавӣ, муносибатҳои ҳамсоягии нек ва фаъолияти муштарак имкон медиҳанд, ки масъалаҳои вобаста ба захираҳои об, тағйирёбии иқлим, рушди устувор ва дигар мушкилоти фаромарзӣ бомуваффақият ҳал карда шаванд. Мутаассифона, имрӯз чунин намунаҳои мусбат дар ҳамаи минтақаҳои ҷаҳон ба назар намерасанд.

Аз ҷониби худ, намояндагии СММ дар Ӯзбекистон минбаъд низ ният дорад кишварро ҳамаҷониба дастгирӣ намояд. Мо омодаем тавассути фаъолияти коршиносӣ, барномавӣ ва иттилоотию маърифатӣ ба татбиқи ислоҳот ва ташаббусҳои миллӣ мусоидат карда, ҳамчун шарики боэътимоди Ӯзбекистон дар роҳи рушди устувори минбаъдаи он боқӣ монем.

**– Шумо ба рушди муносибатҳои байни Ӯзбекистон ва СММ дар чанд соли охир чӣ хел баҳо медиҳед?**

– Ба назари ман, дурнамои ҳамкории мо воқеан хеле хуб аст. Барои мо ифтихори бузург аст, ки дар Ӯзбекистон фаъолият мекунем ва дар роҳи рушди кишвар шарики он ҳастем.

Бешубҳа, қабули қатъномаҳо аҳамияти калон дорад. Ин марҳилаи муҳимест, ки дар он давлатҳои узви СММ барои ташаккули рӯзномаи ҷаҳонӣ ва ҷустуҷӯи муштараки роҳи ҳалли муҳимтарин мушкилоти ҷаҳон неруҳои худро муттаҳид месозанд. Аммо на камтар аз ин фаъолияти амалӣ, ки бевосита дар дохили кишвар анҷом дода мешавад, аҳамият дорад.

Имрӯз байни низоми СММ ва Ӯзбекистон шарикии устувору самаранок ба роҳ монда шудааст. Агентӣ, фонд ва барномаҳои мо дар самтҳои гуногун лоиҳаҳоро амалӣ намуда, аз ислоҳоти кишвар пуштибонӣ мекунанд.

Ба наздикӣ мо Барномаи нави чаҳорчӯбаи ҳамкории байни СММ ва Ӯзбекистонро ба имзо расонидем, ки афзалияти стратегии панҷ соли оянда – мусоидат ба истифодаи самараноки дивиденди демографиро муайян мекунад. Сухан дар бораи он меравад, ки иқтидори аҳолии ҷавони кишвар тавассути сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ҳарчи бештар ошкор карда шавад.

Ин дастгирии низоми тандурустиро тавассути омода намудани кормандони соҳаи тиб, баланд бардоштани ихтисоси онҳо ва рушди инфрасохтори соҳа фаро мегирад. Дар соҳаи маориф мо бо омӯзгорон ҳамкорӣ намуда, барномаҳои омодасозии омӯзгоронро такмил медиҳем ва барои фароҳам овардани дастрасии ҷавонон ба таҳсилоти босифат мусоидат менамоем. Дар самти ҳифзи иҷтимоӣ агентиҳои мо бо Агентии миллии ҳифзи иҷтимоӣ ҳамкории зич дошта, барои такмили низоми дахлдор кумак мерасонанд.

Ба масъалаҳои муҳити зист ва рушди устувор низ таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Ба наздикӣ шаҳри Самарқанд мизбони як чорабинии бузурги Хазинаи ҷаҳонии экологӣ гардид, ки бори дигар нақши рӯзафзуни Ӯзбекистонро дар пешбурди рӯзномаи байналмилалии экологӣ тасдиқ кард. Дар фаъолияти мо ташаббусҳо марбут ба минтақаи баҳри Арал ҷойгоҳи махсус доранд, зеро дар он ҷо масъалаҳои экологӣ бо вазифаҳои таъмини некӯаҳволӣ ва амнияти аҳолӣ зич алоқамананданд.

Ҳамин тариқ, ҳамкории байни СММ ва Ӯзбекистон доираи васеи самтҳоро фаро мегирад. Агентиҳои мо минбаъд низ аз ислоҳоти кишвар ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, барои расидан ба ҳадафҳои дарозмуддати рушди устувори он мусоидат хоҳанд кард.

**АИ «Дунё».**

***Дар Китобхонаи ноҳияи Янгиҳаёт бо ташаббуси шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия таҳти мавзӯи «Консепсияи рушди низоми таълими томактабии Ҷумҳурии Ӯзбекистон то соли 2030» суҳбати «мизи мудаввар» баргузор гардид. Дар он мудири шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия Умеда Орипова ва роҳбарони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ, намояндагони соҳаи таълими халқ, фаъолони Иттифоқи ҷавонон, вакилони ҷамоатҳо ширкат варзиданд.***

# ХИШТИ АВВАЛ ДАР КӮДАКИСТОН ГУЗОШТА МЕШАВАД

Дар чорабинӣ У.Орипова таъкид намуд, ки консепсияи рушди низоми таълими томактабӣ дар ҳар як шаҳр ва ноҳия нахустин ҳуҷҷате мебошад, ки нишондодҳои дақиқро бинобар низоми фарогирии бачагон ба муассисаи таълими томактабӣ муайян мекунад. Қадами мазкур шаффофият ва объективӣ будани фаъолияти моро таъмин месозад. Бинобар зиёд кардани миқдори педагогҳо, ҳамчунин, саракунӣ, омодасозӣ ва баланд бардоштани малакаи ходимон барои татбиқи муносибатҳои нав корҳоямонро идома медиҳем. Намояндагони шуъбаи таълим имкони ҳар дақиқа назорат кардани фаъолияти ходимони масъулро надоранд. Барои ҳамин дар ҷойҳо фаъолият пеш бурдани инсонҳои соҳибмалакаву бовиҷдон барои мо муҳим аст.

Таъкид гардид, ки дар низоми таълими томактабӣ бисёр ҳолатҳои нохуш хусусан, дар таъмини хӯроквории ба чашм мерасанд. Бинобар аз байн бардоштани ҳолатҳои мазкур корҳои низомнок бурда мешаванд.

Ба сабаби он ки воситаҳои санитарӣ-гигиенӣ аз ҳисоби буҷети давлат марказонида шудааст, дар муассисаҳои томактабӣ аз падару модарон маблағ талаб карда намешавад. Касоне, ки бо ин ҳол дучор мешаванд, метавонанд ба шуъбаи таълими ноҳия муроҷиат намуда, ин муамморо дар якҷоягӣ ҳал кунанд.

Беҳтар будани таъмини кӯдакон бо ғизо нисбат ба ноҳияҳои дурдаст дар Янгиҳаёт, аз ҷониби иштирокдорони тадбир зикр гардид. Масъулони шуъбаи ноҳия бинобар ин масъала ибрози ақида карданд ва пешниҳод шуд, ки таҳти назорат гирифтани хӯроки бачагон аз ҳар ҷиҳат зарур аст.

Маълум шуд, ки дар соҳа камбудиҳо ба назар мерасанд, барои зина ба зина баланд бардоштани тарбияи кӯдакон нақшаҳои низомнок андешида мешаванд, то он ки низоми таълими томактабӣ ба соҳаи пешрафта табдил ёбад.

Зеро хишти аввалиояндаи дурахшони бачагон дар мактаб не, балки дар кӯдакистон гузошта мешавад.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*Шаҳри ТОШКАНД.*

*Довталаб – 2026*

# ДАР РАВАНДИ ҚАБУЛ ВА САНҶИШҲОИ ТЕСТ ЧӢ ДИГАРГУНИҲО ҲАСТ?

***Табиист, ки ин масъала ҳоло фикру зикри ҷавонон-довталабонро банд кардааст. Мо хостем ба ин ва як қатор саволҳои дахлдор ҷавоб пайдо кунем. Бо ин мақсад ба сардори шуъбаи вилоятии Агентии баҳогузорӣ ба дониш ва малака Неъмат СЕВИНЧОВ рӯ овардем.***

**– Неъмат Гулбоевич, дар бораи имкониятҳои нав ва дигаргуниҳои муҳими ҷараёни қабул барои соли таҳсили 2026-2027 ҳарф мезадед.**

– Дар муассисаҳои таълими олӣ дар ҷараёни қабули довталабон барои соли хониши 2026-2027 як қатор навгониҳо падидор шуданд. Ин дигаргуниҳо бо мақсади боз ҳам такмил додани низоми қабул, ба довталабон фароҳам овардани шароити қулай, инчунин баҳри афзун гардидани нуфузи сертификатҳои байналхалқию миллӣ хидмат мекунад.

Низоми қабул боз ҳам қулай гардид. Аз соли ҷорӣ сар карда низоми барӯйхатгирии онлайни довталабон дар асоси дизайн ва интерфейси замонавии таҷдидёфта дар амал татбиқ мегардад. Ин ҷараёни ҳуҷҷатсупорио соддатар намуда, барои истифодабарандагон боз бештар муҳити созгор фароҳам меорад.

Инчунин, ҳангоми иштирок дар санҷишҳои тест шаҳрвандоне, ки аз онҳо маблағ ситонда намешавад, муайян гардиданд.

Аз ҷумла, шахсоне, ки ногирои гурӯҳҳои I ва II мебошанд, бачагони маълӯл, шаҳрвандоне, ки таъминоти онҳо пурра аз ҳисоби давлат аст, оилаҳое, ки шомили рӯйхати низоми ахбори «Реестри иҷтимоӣ» шудаанд, фарзандони онҳо, инчунин ҷавононе, ки ба «Дафтари ҷавонон» дохил шудаанд, аз пардохти маблағи тест озод карда мешаванд.

**– Барои хидматчиёни ҳарбӣ навгоние ҳаст?**

– Ҳаст. Барои онҳо имконияти иловагӣ пайдо шуд.

Мувофиқи қарори Президенти мамлакат аз 7 апрели соли 2026 ба сарбозон-аскароне, ки хидмати муддатноки ҳарбиро ба ҷо меоранд, имконият дода шуд, ки чун довталаби намуди масофавии таълими бакалавриати муассисаи таълими олӣ аз рӯйхат гузаранд.

Ин барои ҷавонон имконияти навест, ки ҳангоми адои хидмати ҳарбӣ таълими олӣ гиранд.

**– Муносибат ба сертификатҳои забони хориҷӣ чӣ гуна аст?**

– Талабҳо ба сертификатҳои забони хориҷӣ тағйир ёфт. Ҳангоми қабул барои соли таҳсили нав дар самти маҷмӯи фанҳое, ки дар он забони хориҷӣ фанни аввалин шуморида мешавад, барои донистани забони хориҷӣ камаш сертификати дараҷаи $B_1$ – эътирофи миллӣ ё байналмилалӣ талаб карда мешавад. Аввал барои ин равия сертификати дараҷаи $B_2$ талаб карда мешуд.

Ба соҳибони сертификати $B_1$ 75 фоизи холҳои умумии ин фан,

ба соҳибони сертификати $B_2$ ва аз он баланд холҳо пурра дода мешавад.

Ин тартиб ба ҳамаи сертификатҳои миллию байналмилалие, ки мӯҳлаташон нагузаштааст, дахл дорад ва сарфи назар аз фанни ихтисосии якум ё дуюм будани забони хориҷӣ амал мекунад.

**– Ба соҳибони сертификатҳои байналхалқӣ чӣ гуна имкониятҳо мавҷуд аст?**

– Ба соҳибони сертификатҳои байналхалқӣ имкониятҳои васеъ дода шудааст. Дар низоми қабул ба хатмкунандагони барномаҳои байналмилалии таълим низ эътибори ҷудогона дода шудааст.

Довталабоне, ки хусусан аз барномаи «A-level» ба «B» ва натиҷаи аз он баландтар, инчунин оид ба барномаи «International Baccalaureate (IB)» 32 хол ё ки аз ин баландтар ҷамъ овардаанд, оид ба самтҳои дахлдор таълим дар асоси пардохти базавӣ -шартномавӣ ба тарзи иловагӣ қабул карда мешаванд. Ба ғайр аз ин, довталабоне, ки дар имтиҳони байналмилалии SAT 1200 хол ва ё аз он баландтар гирифтаанд, мувофиқи сертификат дар асоси гранти давлатии иловагӣ ба хондан қабул карда мешаванд.

**– Сертификатҳои миллӣ чӣ гуна мавқеъ доранд?**

– Мавқеъ ва аҳамияти онҳо меафзояд. Абитуриентоне, ки соҳиби сертификати миллианд, ҳангоми азрӯихатгузарӣ масъалаи истифодабарӣ аз сертификати миллӣ, ё ки мувофиқи тартиби умумӣ супоридани тестро мустақилона интихоб мекунанд. Агар истифодабарӣ аз сертификат интихоб гардад, аз фанни дахлдори ихтисосӣ тест супорида намешавад. Мувофиқи дараҷаи сертификат хол гузошта мешавад. Агар сертификат ба яке аз фанҳои маҷбурӣ алоқаманд бошад, довталаб аз он фан тест намесупорад ва соҳиби холи максималӣ мегардад. Ба сертификатҳои миллӣ мувофиқи дараҷаҳои A+, A, B+, B ва C+ баҳо гузошта мешавад.

Агар сертификатҳои воломақом ба соҳибашон холҳоро пурра (максималӣ) дастрас кунанд, дигарашон мувофиқи дараҷаашон дар асоси тартиби муайяншуда холҳо меоранд.

**– Кадом тоифаи шаҳрвандон аз имтиёзҳо истифода мебаранд?**

– Мувофиқи қонунҳои дарамал шаҳрвандони зерин ҳангоми дохилшавӣ ба таълимгоҳҳои олӣ аз имтиёзҳо истифода бурда метавонанд: фарзандони хидматчиёни ҳарбӣ, ғолибони озмунҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, соҳибони мукофотҳои давлатӣ, бачагони ятим, довталабоне, ки сертификати забони хориҷӣ доранд, занону духтароне, ки собиқаи меҳнатӣ доранд,

фарзандони оилаҳое, ки шомили реестри камбизоатӣ ҳастанд,

ҷавононе, ки сокини Қароқалпоқистон мебошанд (доимӣ) ва таълимгоҳҳои миёна, миёнаи махсус ё ки муассисаҳои таълими касбии онҷоро хатм кардаанд.

Бояд таъкид намуд, ки бо баробари тағйироти дар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию меъёрӣ ё қатъёбии онҳо ин имтиёзҳо низ аз байн рафтанашон мумкин аст.

Хулоса, дар низоми қабули соли таҳсили 2026-2027 дигаргуниҳо бо мақсади боз ҳам шаффоф, адолатнок ва қулай шудани ҷараён сурат гирифтааст.

Хусусан, аз нав дида баромадани талаб оид ба сертификатҳои байналмилалӣ фароҳам овардани имкониятҳои рақамӣ барои довталабон имкониятҳои хуб ба вуҷуд меорад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Бухоро.**

*Қадри зар заргар бидонад*

# АЛАМБАРДОРИ НАСР

Адабиёти тоҷик пас аз истиқлоли кишварамон ба давраи навин ворид гашт ва имрӯз онро бо номи ҳавзаи адабии Ӯзбекистон мешиносанд. Ин ҳавза, албатта, ҷузъи ҷудонопазири адабиёти муҳташами форсу тоҷик буда, кунун як рӯди шӯхи кӯҳиеро мемонад, ки аз миёни сангистонҳо, талу тепаҳои бешумор ва ҳазорон садҳои табииву сунъӣ бурдборона ба худ роҳ мекушояд...

Ҳоло адабиёти мо ба гулистони воқеъӣ мубаддал гаштааст ва солҳои охир таборони мо аз кишварҳои Тоҷикистону Афғонистон ва Эрон мутаваҷҷеҳи он мешаванд.

Бояд гуфт, ки дар канори назм бахши дигари адабиёт – наср доиман дар ҳоли пешрафт аст. Адабиёти тоҷик дар муҳити Ӯзбекистони кунунӣ соҳиби носирони хубу умедбахше низ ҳаст ва онҳо новобаста ба мушкиоти рӯзафзуни зиндагӣ рисолати худро аз ҷон ба сомон мерасонанд; барои ғановати адабиёти мо часпу талош меварзанд ва дар шинохти худу миллати мо дар байни ҳамзабонон хидмат мекунанд. Насли нисбатан куҳансоли носирони мо Адаш Истад, Чоршанбеи Деҳнавӣ ва Бахтиёри Ҷумъа ва Муҳаммад Шодӣ ҳастанд, ки агарчи синну соли муътабаре доранд, аммо ҳамон хомаронӣ мекунанд. Ман ҳамчун як қаламкаш дар пеши пойи чунин устодон самимона сари таъзим фуруд меорам. Адабиёти мо дар бахши наср ҳанӯз нависандагони бисёри ҳирфаӣ ва муваффақе надорад. Ба ҷуз чанд нафари ангуштшумор, ки пайгирона ва огоҳона дар ин масир гом мебардоранд.

Айни ҳол аламбардори адабиёти тоҷикони Ӯзбекистон дар бахши наср Юнуси Имомназар аст. Ин адиби дардошно мунтазам бо таълифи асарҳои хубу хонданӣ дар ғановати адабиёт саҳм мегузорад. Азбаски адабиёти мо – тоҷикони қаламрави Ӯзбекистон қариб муттакое надорад ва дар ҳамин замина аслан кам тарғиб мегардад, тоҷикони ин хоки замоне адибпарвар ҳам аз ҳузур ва дастовардҳои нависандагони хушномашон ба таври бояду шояд огоҳӣ надоранд. Ҷои таассуф ва нигаронихост, ки адибони моро дар минтақаҳо (берун аз қаламрави зодгоҳашон) намешиносанд ва аз осори онҳо комилан бехабар ва бебаҳраанд.

Огоҳ ҳастем, ки олимоне чун Ҷумъа Ҳамроҳ, Ҷаъфар Муҳаммад, Хусрав Саъдуллоҳ, Абдуқаюм Ҳасанов, Рамазон Абдуллоҳ, Ҷамшед Панҷизода ва боз чанд тани дигар гаҳу ногаҳ мақолаҳое ба нашр расонида, бештар бахши назми адабиёти моро таҳлил мекунанд, вале бахши наср ҳамоно аз назарҳо афтода ва дар ин самт як таҳқиқоти доманадоре дар амал татбиқ намегардад. Масалан, ҳанӯз осори адиби пухтакори мо Юнуси Имомназар, ки мебоист бо нашри нахустин китобаш таваҷҷуҳи олимони тоҷики ватаниро ба худ ҷалб месохт, мутаассифона, таҳқиқи дурусте нашудааст. Бояд бигӯем, нақд бино ба натиҷагириҳои адабиётшиносон ҷудо кардани сара аз носара аст. Таассуф, ки аксарияти нокидон дар асарҳои бадеӣ танҳо сараро мебинанд, ки ин ҳолат ба пешрафти адабиёт мусоидат наменамояд.

Юнуси Имомназар пайгирона таноби роҳеро мекашад, ки аз миёни сангистонҳои силсилакӯҳҳои Нурато Баҳром Фирӯз барин адиби шаҳир рӯйидаву ба адабиёти тоҷик чандин асари нағз эҳдо карда буд.

Адабиёти даврони истиқлоли моро бидуни эҷодиёти бою рангини Юнуси Имомназар тасаввур кардан муҳол аст. Вай бо асарҳои хурду бузург, чун роману қисса ва ҳикоёти басо дилангезаш адабиёти форсизабонҳои Ӯзбекистонро ғанӣ гардонда ва маҳсули эҷодаш берун аз кишвар низ хонандагони худро доранд. Хоса, адибони кишвари ҳамҷавори мо – Тоҷикистон бо номи Юнуси Имомназар шинос ҳастанд ва қаламиҳои ӯро бо завқи баланд мутолиа мекунанд.

Юнуси Имомназарро нахуст адибони Ӯзбекистон моҳи феврали соли 2020 ба узвияти Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон пазируфтанд. Моҳи июни соли 2021 аз сӯйи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба ӯ ҷоизаи адабии «Нишони сухан»-ро доданд ва моҳи декабри соли 2021 ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон шомил карданд.

(Давомаш дар саҳ.4).



*Дар Намангон марҳилаи ҷумҳуриявии озмуни мусобиқаи волейболи «Ҷоми вазири таълими томактабӣ ва мактабӣ» ба анҷом расид.*

*Дар мусобиқа, ки байни муаллима-бонувони мактабҳои миёна баргузор гардид, 14 дастаи мунтахаб аз Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳамаи вилоятҳо ва шаҳри Тошканд иштирок намуда, барои пирӯзӣ талош варзиданд.*

*Дар бозии ҳалкунанда, дастаи мизбонон, ки аз ҷиҳати маҳорат, саъю кӯшиш, чолокӣ ва таҷриба бартарӣ доштанд, ба ҳисоби 2:0 пирӯз гардиданд. Дар натиҷа, волейболбозони Намангон дар ҳар ду баст бозигарони Навоиро мағлуб карда, ҷоми вазирро ба даст оварданд.*

***Шабакаи телеграми Саридораи таълими томактабӣ ва мактабии вилояти Намангон.***

*Ёдкард*

***Яке аз коргардонҳои машҳури кино, устоди филмҳои мустанад, Артисти хидматнишондодаи Тоҷикистон, Ходими шоистаи санъати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барандаи ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ Бақо Содиқов 25 июни соли ҷорӣ дар Олмон вафот кард.***

# БА 85-СОЛАГӢ НАРАСИД...



Вай 13 июли соли 1941 дар шаҳри Бухоро таваллуд ёфта, ба воя расидааст. Аҷал имкон надод, ки санъаткори бузург пас аз 18 шабонарӯз ҷашни 85-солагии худро бо ёру дӯстон таҷлил намояд. Чӣ илоҷ? Қонунҳои бешафқати ҳаёт ба шоҳу гадо баробаранд.

Бақо, ҳанӯз вақте шогирди мактаби миёна буд, дар синамо нақш офаридааст. Соли аввали хатми мактаби миёна бахташ натохт, донишҷӯ шуда натавонист. Ӯ соли хониши 1960-1961 ба факултети актёрии Институти театр ва мусаввирии Тошканд ба номи Островский дохил шуда, онро соли 1967 хатм кард. Б. Содиқов соли 1978 дар Маскав курси олии сенариянависон ва коргардонҳоро таҳти роҳбарии Э. Лотану ба итмом расонд. Филми «Адонис XIV» кори дипломии ӯ буд. Бақо Содиқов соли 1986 барои ин филм соҳиби дипломи фахрии ҳайати доварони кинофестивали байналмилалии Мангейм шудааст.

Соли 1987 бошад, вай барои филми «Глиняие птицы» («Паррандаҳои лойин») соҳиби мукофоти махсус гардид. Соли 1988 дар кинофестивали байналхалқии Маскав филми ӯ «Адонис XIV» сазовори мукофоти FIPRESC шуд. Бақо Содиқов соли 1988 дар кинофестивали байналмилалии Одонсе барои филми «Адонис XIV» мукофоти олии кинофестивал – Гран-приро ба даст даровардааст. Вай соли 1992 барои филми «Бухорои шариф» соҳиби Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдулло Рӯдакӣ гардид.

Либреттои балети «Шафтолуи заррини Самарқанд» низ ба қалами ӯ дахл дорад. Тавре ки мутахассисон эътироф кардаанд, Содиқов аз қатори беҳтарин офарандагони синамо ҷой гирифтааст. Ӯро беҳуда «шоири экран» ё «Тарковскийи тоҷик» намегуфтаанд. Вай муаллифи бештар аз чил филми мустанад ва як қатор филмҳои ҳунарӣ мебошад. Дар замони шӯроҳо, ки баёни фикр талабу андоза дошту «озодии сухан» меъёри худро тақозо менамуд, ба Бақо Содиқов лозим омадааст, ки фикру ғояҳои худро пардапӯш, рамзӣ, тамсилӣ ифода кунад. Беҳтарин филмҳои вай бо ҳамин услуб эҷод шудаанд ва то замони «бозсозӣ» баҳои муносиб нагирифтаанд.

Филмҳои ҳунарии «Гирдбод», «Ҷосус», «Ҷазира», филмҳои ҳуҷҷатии «Аввал будан мушкил аст», «Адонис XIV» дар таърихи кинои тоҷик мақоми махсус доранд.

Бақо Содиқов Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро ватани азизи худ мешуморид. Вай соли 1961 дар филми «Панҷ нафар аз Фарғона» («Ӯзбекфилм») нақши асосиро бозида, дертар соли 1967 ба «Тоҷикфилм» чун коргардон ба кор омадааст.

Бақо Содиқов сӣ сол пеш – солҳои ҷанги шаҳрвандӣ аз Тоҷикистон ба Самарқанд кӯчида, дертар ба шаҳри Тошканд рафтааст. Вай дар ин ҷо филмҳои «Мурувват», «Фидоиён»-ро (дар бораи ҷадидони Бухоро) ба навор гирифтааст.

Бақо Содиқов бо писари ҳамкасбаш Улуғбек ба Бухоро зуд-зуд омада, бо ёру дӯстон мулоқот мекард, бо рафиқони давраи бачагиаш воҳӯрда дар кӯчаву тангкӯчаҳои шаҳри азизаш гаштугузор менамуд, ба гузари Говкушон – ба ҳавлии наздиконаш ташриф меовард. Банда шодам, ки дар баъзеи ин мулоқотҳо бо ӯ ҳамнафас будам.

Тақрибан 10-15 сол муқаддам дар бораи ӯ дар рӯзномаи «Овози тоҷик» мақолае навиштаам. Бори охир ӯро ду сол пеш дар Бухоро дида будам ва он гоҳ ӯ нияти ба Тоҷикистон рафтан дошт: «Ҷаноби Олӣ барои машварати банаворгирии филми «Ҷомию Навоӣ» даъват кардаанд» гуфта буд вай он гоҳ.

Б. Содиқов инсони одӣ, оқил, хоксору фурӯтан буд, се соли охир дар Аврупо будубош дошт. Ӯ доир ба алоқаҳои байниҳамдигарии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёнаю Қазоқистон чунин гуфтааст: «Бовар мекунед, Тоҷикистон дар дили ман аст. Ман дар Ӯзбекистону Қазоқистон ва Туркманистон будам. Миёни ин ҳама ҳеч фарқ намегузорам. Чӣ хел ҳамаи ин марзҳоро ҷудо карда мешавад? Ман аз аҳли сиёсат нестам, як филмбардорам, одами эҷодиям ва фикр мекунам натанҳо маданияту дини мо, балки эҳсоси мо як аст. Мо гӯшту нохунем».

Тавре ки писараш Улуғбек хабар додааст, пайкари падарашро дар Олмон ба хок супоридаанд.

Б. Содиқов дар Олмон дар охири умр бо нашри зиндагиномааш машғул шуда, бахши аввали он аз чоп баромадааст...

Роҳбарияти муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» ба муносибати фавти Б. Содиқов навиштааст: «Осори ӯ бо диди амиқи ҳунарӣ, масъулияти баланди шаҳрвандӣ ва садоқат ба арзишҳои миллӣ фарқ намуда, ҳамчун мероси гаронбаҳои фарҳангӣ барои наслҳои имрӯзу фардои синамогарон боқӣ хоҳад монд. Ному фаъолияти устод Бақо Содиқов дар таърихи синамои тоҷик бо ҳарфҳои заррин сабт гардида, хотираи неки эшон ҳамеша дар қалби дӯстдорони фарҳангу санъат зинда хоҳад буд...»

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти БУХОРО.*

# ТАБИАТ МЕКУНАД МОРО ТАБОБАТ



**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

### Ҳангоми таб (безгак)

Дар табобати халқӣ аз қисми рӯизаминии ҳазориспанд ҷӯшоба тайёр карда, барои муолиҷаи бод, безгак, саръ (эпилепсия), бехобӣ, шамолхӯрӣ ва дигар бемориҳо истифода мегардад. Ғайр аз ин, барои қӯтур, хориш ва бемориҳои дигари пӯст низ даво мебошад.

### Ҳангоми хасташавии ғадудҳо

Ба бемороне, ки ғадудҳои фаъолияти гуногунро иҷрокунандаашон осеб дидаанд, тавсия дода мешавад, ки барги чормағзро дам карда, кам-кам, дар як рӯз як маротиба нӯшанд. Барои тайёр кардани дамхурда 1 қошуқ барги майдашудаи чормағзро дар 200 грамм оби ҷӯшон 30 дақиқа дам медиҳанд. Аз он дар давоми як шабонарӯз камкам нӯшидан зарур аст.

### Ҳангоми бемаҷолӣ

Оё вақти саҳар ба туфайли бемаҷолӣ аз ҷоятон хестан барои шумо душвор аст? Дар чунин ҳолат қаҳва роҳи ҳалли муаммо нест! Як истакон шарбати себ, як мушт буттаи мурӯди ҷангалӣ (черника) ва як қошуқча хокаи спирулинаро бо ёрии махлуткун (блендер) омехта кунед – чунин қиёми қувватбахш қобилияти баланд бардоштани масуниятро ҳам дорад. Барои мустаҳкам кардани таъсир, истеъмоли магний аҳамияти калон дошта, он дар табдил ёфтани глюкозаи хун ба энергия фаъолона иштирок мекунад.

### Ҳангоми безурриётӣ

Доруи зерин барои мардони безуриёт муфид аст:

Ба бонкаи 2-литра 1 литр асали соф рехта, сипас каме тар карда аз гӯштқимакунак як мушт мавизи сиёҳ, як мушт зардолуи хушк ва ҳамон қадар чормағзро гузаронида, хуб омехта мекунанд. Агар ба ин омехта 20 қошуқча гардолуди гул (цветочная пыльца) илова шавад, таъсири шифобахшии он боз ҳам бештар мегардад. Агар субҳона мунтазам як қошуқ истеъмол карда шавад, қобилияти насловарии мард баланд мешавад.

### Ҳангоми беҳолӣ

Ба 200 грамм асал 10 дона «кучала» (Аронник Королькова)-ро майда карда, шабона 1 қошуқча истеъмол мекунанд. Ё як донаи онро кӯфта, ба шир илова карда, инчунин бо оби гарм нӯшидан мумкин аст. Ин барои беҳолии гурда, миён ва пойҳо фоида дорад. Миқдори якрӯзаи он то 10 грамм мебошад.

### Ҳангоми сӯхтани дараҷаи якум

Дараҷаи I – ҳангоми сӯхтагии рӯякии эпидермалӣ пӯст сурх шуда, варам мекунад. Дар чунин ҳолат (сурхшавии пӯст) молидани спирти тиббӣ ё одеколон кифоя аст.

### Барои хориҷ кардани бод

Ҳазориспанд дорои хусусиятҳои шифобахш буда, барои хориҷ кардани бод аз рӯдаҳо ва таҳлили моддаҳои ҷамъшуда мусоидат мекунад.

### Ҳангоми дарди ғадуди бодомшакл

Ҳангоми дарди ғадуди бодомшакл гулӯро бо шарбати нави исфаноҷ чайқондан фоида дорад.

**(Давом дорад).**

Таҳияи **З. ҲАМДАМОВА, А. РӮЗИМАТОВ.**

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораи гузашта).**




Замоне ӯ ҷавони навхати пурпайкаре буд дар обрави Чашмаи Кабӯтарон. Ба ному насабаш кунун одамон касбу корро часпонида буданд. Чун ин ҳарфу ҳиҷоро аз забони ҳамагон мешунид, фахру ғурур мекард аз ин бархӯрдҳо. Бар мекушоду зери лаб лабханд мезад ӯ худ аз худ.

Шикор барояш хумор буд. Агар дар авул иҷрои коре пеш наояд, рӯз дар миён аз пайи ин кор овора мешуд. Рӯзе аз рӯзҳои пайсипаршуда гӯшаш аз миш-мишҳои аҳли авул бод гирифт, ки гӯё дар дараи Гӯризиндонак як рама оҳуи кӯҳӣ пайдову ниҳон мегаштанд. Аз шикор бармегашту сар дар ин хаёл буд, ки чӣ гуна рӯзи дигар ба ин манзил равад. Оё пайомади кораш бобарор анҷом меёфта бошад? Дар ин самт роҳи зиёдеро паймудан лозим меомад, то поёни теғаи қуллаи кӯҳи Чӯлбаҳр. Ин ба гуфтан осон. Мушкиле, ки сари ӯро бештар гиҷ мекард, роҳу пайраҳаи ноошно буд. Вале як ҳисси ноаён чун оҳанрабо ӯро ба ин сӯ мекашид. Ӯ гоҳе дар сари теғаи ин кӯҳи солору бовиқору устувор худро дида, бо тамоми нерӯяш ово кардан мехост: «Эй одамон, бубинед, ки банда чунин фарди хушбахтам, дар ин макони дастнорас яккаву танҳо фароғат дорам. Мехоҳам, ки ҳамроҳи ман бошед, бӯйи гулҳои рӯҳафзоро ба димоғ ҳамроҳ кашем».

Ҳанӯз хаёли ширини хешро аз сар дур наафканда, дар дуроҳаи авул бо дӯсти бачагиаш рӯбарӯ омад. Ҳар ду пас аз ҳолпурсӣ дар ҳар боб гуфтугӯ карданд. Дӯсташ арзи ҳол кард – гургҳои даранда ҳоли мардуми чорводорро ба танг оварда, чӣ мешуд чашмони ин дуздони муфтхӯрро тарсонад ва ин ҷонварон бидонанд, ки дар ин манзилу макон ба ҷуз онҳо ҷинси одамизод мавҷуд, онҳо метавонанд ба муқобилашон кору пайкор кунанд. Ва ҳамин гап боис шуду ӯ фикри шикори оҳувони дараи Гӯризиндонакро ба дигар замон вогузошт ва рӯзи дигар баҳри тарсонидани чашми ин даррандаҳо ба ҷониби пайкари санги одамсимо роҳ гирифт.

Он рӯз шикораш барор гирифт, ду гургро ба ҳалокат расонида, ба авул овард. Овозаи шикори сайёди ҷавон дар тамоми қаламрав достон шуд. Одамони зиёд ба манзилаш омада бахшишҳои зиёд инъом мекарданд. Пас аз ин дар ин дарёбод ҳамчун сайёди ҷасур маълуму машҳур гашт.

Даҳмардаи пир роҳ мепаймуд, зери лаб пеши Худо тавбаву тазаррӯъ мекард, ки ба умри наберааш умр зам кунад, давомдиҳандаи авлоду аҷдод бошад. Ба ёдаш расид, ки он замон ин роҳро дар як он паси сар карда ба сари қуллаи зови Сафед расида буд. Ҳоло ку он қувваю тавоноӣ, нерӯву бозуи рустамона? Асаре аз он намонда, чӯбу устухон гашта. Ҳеч гумон намекард, ки дар айёми пирӣ боз ин роҳро бо азоб бозпас сипарад. Роҳравон ба дил мегуфт, ки кош шикорам бобарор анҷом пазирад, дар назди дӯсту душманон шармандаву шармсор нагардад. Сапеда медамид, пешрӯ рӯшан метофт. Ӯ кунун бемалол пеши пойи худро медид. Сойи азимро убур карда, рӯболо шуд. Пайраҳаи ҳалқасони моли реза бар тани баландиҳо печида-печида то сари қуллаи кӯҳ мерасид. Аз оғози сой деворкамари азим гӯё ба ин роҳ мепайваст.

– Аҷаб иноятe дорад Худои яккаву ягона. Сангҳои камар чун дар қолабҳо гӯё бо дастони одамӣ ба тартиб чида бошанд, девори азимро ба ёд меоранд, – ба худ гуфтугӯ мекард ӯ.

Мӯйсафед гоҳе ба ҷониби рост, гоҳе ба ҷониби чапи роҳ эҳтиёткорона тоб хӯрда, пеш мерафт. Дами пайраҳаро шибоқу симхорҳои печонида гашти ӯро то андозае мушкил мекард. Вале ӯ ин монеаҳоро дам ба дам бехавф сохта, рӯ ба ҷониби пайкараи санги одамсимо наздик мешуд. Ӯ мебоист то тулӯи хуршед ба манзил мерасид. Дар сурати каме таъхир намудан, галаи гургон аз пайи шикор хоҳанд рафт. Дар сар чунин хаёлҳои париш қадами хешро метезонид. Хатари сангҳои беҷошуда ва рези кӯҳсор дили касро ба таҳлука меандохт. Рези кӯҳсор шабу рӯз дар ин манзил ламида ба дараҳо сарнишеб мешуд. Чун рези резон мунтазам меламид, буни сангҳои пешрӯро такон медод ва ноаён онро аз беху бунёдаш канда, ба поён меғелид. Сангҳо ғелида-ғелида, сад сангро беҷо карда, ба поён сарнишеб мешуд ва то он даме, ки дар ёлаву бағали харсангҳо захираи он ба охир нарасад, резиши он қатъ намегардид.

Вуҷудашро обу арақ зер кард. Дар роҳи бехатаре истода, нафас рост кард, ба пешрӯ нигарист.

Агар бо ин суръат қадам ниҳад, боз як соати дигар ба манзили гургон хоҳад расид, тахмин мекард ӯ. Мили туфанг дами роҳ паймудан ба сангу хорҳо дакка зада, як ба болову поён хам хӯрда, мушкилиеро эҷод мекард. Ногаҳон ба гӯшаш садои шарақќоси баҳам хӯрдани санге расид. Санги азим аз боло рост ба сӯйи ӯ меғелид. Ба таҳлука афтода ба ҷониби чап давид. Хайрият, заррае монд, ки он ба сараш расида, зеру забараш кунад. Эҳтиёткорӣ наҷоташ бахшид, аз ин балои ногаҳонӣ. Санги ғелон тирвор садҳо санги пешрӯяшро беҷо карда, тирвор аз ақибаш чангу хокро ба ҳаво барангехта ба поён меомад. Ин дам аз пушти ин санги ғелон рези кӯҳсор чун сел ба поён мешорид. Гиребонашро ҷуфт кард, пасон ба қафаси синааш туф кард. Бо як таҳлукаву ҳаяҷони ҳавлангез ба санги паҳлӯи роҳ пайкарашро такя дода, жарф-жарф нафас даркашид.

– Ин санг чӣ сон аз ҷояш беҷо гашт? Дар ин манзил рама дар ҷаро набошад, – ба хеш суол медод ӯ.

Дурбинро ба чашмонаш кард, ба ҷониби қуллаи Сафед нигарист. Поёнтар аз қулла сиёҳие дар паҳлӯи харсанг тирвор гузашта, дар як лаҳза нопадид шуд. Ба ҷониби харсанг гурге дартоз метохт. Яқин кард, ки ҳангоми афту дарафт аз таги пояш санге беҷо шуда ба поён ғелида бошад. Пайкараи санги одамсимо ба назар наменамуд.

– Шояд андаке саҳв карда бошад, – радду бадал мекард даҳмардаи пир.

Офтоб кунун бо нури сафобахши хеш арзи салом баҷо меовард. Аз дуриҳои дур хониши кабки рав гоҳ-гоҳ ба гӯш расида, ба сукунати сурурангези субҳгоҳон латма зада гӯё ҳамҷинсони хешро аз хоби гарон бедор кардан мехост. Ҳуд-ҳуде низ дар посухи ин овоз бонги сабо мезад. Аҷаб фораму дилангез буд, бонги ҳудҳуд дар ин субҳгоҳон. Ин садо кайҳо боз ба умқи дилаш нишаста, айёми бебозгашти бачагии ӯро шоду бод медод. Ҳа, ҳанӯзам ин овози хуш аз ёдаш нарафта, гӯё дирӯзакак ба вуқӯъ омада, пеши дидагонаш ҳувайдост.

Арӯси сол султони ин айём буд. Падару писар дар лаби сой як порча заминро посира карданд. Майса аз боронҳои пайдарпайи баҳорӣ зуд кӯрпа шуд, сар ба боло қад афрохту дон баст. Гунҷишкакони даштӣ фавҷ-фавҷ ба сари гандумзори нимдумбул нишаста радаҳои онро дар як он холӣ мекарданд. Ҳолдонҳо мегуфтанд, ки аз хисорот ҳосил ба даст овардан муҳол бошад. Дигар чора надорад ба ҷуз «ҳой» гуфтани он. Бо қиблагоҳаш ба сари гандумзор омада, фалахмоне ҷӯр карда гуфт, ки то бегоҳ «ҳой» гӯяд. Дар як даст фалахмон ба дасти дигар чӯбдаст, ба ҷониби гунҷишкон санг меандохт, «ҳой» мегуфт. Аз рами санги фалахмон ин паррандагон ба ҳаво хеста, аз ҳудуди посира каме дур рафта, боз ба сари сараҳо нишаста дони онро ҳарисона мехӯрданд.

Ин лаҳза аз дуриҳои дур овози дилангези ҳуд-ҳуде расида ба гӯши ин навраси навбол гӯё алла мегуфт. Бо хаёли ширине ба сари санге нишаст, бо ҳиссиёти том гӯш ба ин овоз дод. Овози маҳину форам чӣ сон хобашро барангехт, ёд надорад. Лаҳзае ғунид. Ногаҳон овози марғуладори падар ӯро аз олами рӯъё раҳонид. Дашномҳои қабеҳ дод, чанд силӣ ба рӯйи ӯ зад. Ҳамин сон аз биму ғазаби қиблагоҳаш то бегоҳ ин ҷонваракони ҳарисро «ҳой» гуфт. Рӯзҳои дигар низ идома дод ин амалашро. Ҳойгӯйиҳояш нафъи нек бахшид, ҳосили зиёд ба даст оварданд, аз ин посира. Аз ҳамон айёми бачагӣ овози ҳуд-ҳуди сабо ба гӯшаш он рӯзҳои бебозгаштро ба ёдаш меорад.

**(Давом дорад).**

**Нуралӣ РАҶАБ.**




# МУСИҚИИ ЗИЁДУЛЛО ШАҲИДӢ ДАР РОҲИ НАВИ БУЗУРГИ АБРЕШИМ

***Чанде қабл дар осорхонаи Устод Садриддин Айнӣ дар Самарқанд рӯнамоии асари фарзанди фарзонаи Самарқанд, оҳангсози машҳури тоҷик Зиёдулло Шаҳидӣ (1914-1985) ва духтари ӯ – сарнигаҳдори осорхонаи Шаҳидӣ дар Душанбе, раиси Бунёди байналмиллалии фарҳангии Зиёдулло Шаҳидӣ, узви вобастаи Донишгоҳи Кембриҷ (Англия) профессор Мунира Шаҳидӣ баргузар гардид. Дар чорабинӣ аҳли санъат, адабиёт, фарҳанг, ходимони расонаҳои ахбори оммавии Самарқанд ширкат варзиданд.***



**– Муҳтарам Мунира Зиёдуллоевна, сабаб чӣ буд, ки вохӯрӣ бо Шумо маҳз дар осорхонаи Устод Садриддин Айнӣ ҷараён гирифт?**

– Эҷодиёти Зиёдулло Шаҳидӣ – яке аз пайравони Устод Айнӣ, Самарқандро ба сифати зодгоҳ ва макони бунёди хонавода бо ҳамсафари умраш Марҳабохонум тараннум мекард. Айёми ҷавониаш дар Душанбе сипарӣ гардидааст, Маскавро ҳамчун шаҳре ёд менамуд, ки дар он донишҳои худро доир ба фарҳанги мусиқии муосир ба даст овард ва дар он ҷо нахустин бор садои мусиқии полифонии ӯ барои иҷрои камера, оркестри симфонӣ ва арияи операҳояш танин андохтанд. Бад-ин тариқ, Зиёдулло Шаҳидӣ ҳадафмандона ҷойгоҳи худро дар фазои бекарони мусиқии ҷаҳони муосир пайдо мекард.

Ғояи эҳёи Роҳи абрешим дар давраи муосир ба яке аз самтҳои асосии илму санъати асри XX табдил ёфт. Моҳияти он дар муқовимати зеҳнӣ ба сиёсати мустамликадорӣ ва ба он «тақсимбандии дағалона»-е буд, ки мардумонро ба сохторҳои маҳдуди миллӣ ҷудо мекард. Татбиқи амалии ин самти илмиву фарҳангӣ дар ҳамкории эҷодии намояндагони илму санъати кишварҳои Осиёи Марказӣ таҷассум ёфт.

Пешбарандаи ормони ҳамдилӣ ва ҳамкории кишварҳои минтақа аввалин Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон Устод Айнӣ буд. Маҳз бо мусоидати Садриддин Айнӣ нахустин операи тоҷикӣ дар асоси достони Абдулқодири Бедил (1644-1721) офарида шуд. Муаллифи ин операи тоҷикӣ Зиёдулло Шаҳидӣ гардид...

**– Устоди муҳтарам, доир ба пайдоиши операҳои З.Шаҳидӣ сухане чанд мегуфтед?**

– Ғояи опера бар муҳаббати Мадан ва раққосаи – ҳиндӣ Комде бунёд ёфта, робитаҳои байниқавмиро тавассути ишқ ва ҳамдигарфаҳмӣ меситояд. Аммо барои ман ва ҳамфикронам ғояи мусиқии Зиёдулло Шаҳидӣ дар Роҳи абрешим, ҳамчун муқовимат ба сиёсати мустамликадории «ҷудоӣ андозу ҳукмронӣ намо», аз соли 2013 ба таври равшан амалӣ шуд, замоне, ки се падидаи таърихӣ – Наврӯз, Роҳи нави бузурги абрешим ва 100-солагии Зиёдулло Шаҳидӣ дар рисолати ЮНЕСКО ба ҳам пайвастанд.

Операи «Ғуломон», ки дар асоси роман ва хотираҳои С. Айнӣ дар бораи мубориза Бухорои қадим барои зиндагии нав офарида шуда буд, соли 1978 дар саҳнаи Театри опера ва балети Душанбе гузошта шуд ва ба ин васила ба самти нави андешаи эҷодӣ такон бахшид. Ҳамин гуна аввалин силсилафилми телевизионии тоҷикӣ – «Ҳеҷбудагон» (коргардонии Тоҳир Собиров) ба вуҷуд омад. Ороиши мусиқии ин филмро Зиёдулло Шаҳидӣ анҷом дода буд.

Соли 1996, вақте ки ман ҳамчун стипендиат дар кафедраи таърихи ғояҳои Донишгоҳи Ҳутеборг кор мекардам, маро ба Лондон барои иштирок дар кори конфронси байналмилалии кормандони осорхона ва бойгониҳои мусиқӣ даъват карданд. Вазифаи ман равшан намудани масъалаҳои ташаккули бойгониҳои фарҳанги мусиқии Тоҷикистон ва махсусан, Осорхонаи фарҳанги мусиқии ба номи З. Шаҳидӣ буд. Барои омода кардани маърӯзаи худ ман ба Китобхонаи машҳури Британия – British Library шитофтам, то бо таҳлили интиқодии он чӣ дар сарчашмаҳои англисӣ дар бораи нигаҳдории муосири бойгониҳои мусиқӣ мавҷуд аст, аз нав биандешам, ки дар ин замина дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, чӣ корҳо анҷом меёбанд.

Аммо маҳз ҳамон вақт ман ба як такони фарҳангӣ дучор шудам. На дар энсиклопедияҳои мусиқии муосир ва на дар корҳои махсуси илмӣ ман баррасиеро дар бораи фарҳанги мусиқии Осиёи Марказӣ дар садсолаи охир пайдо накардам.

Соли 2004, бино ба даъвати сафири онвақтаи Австрия дар Осиёи Марказӣ Аннамари Гурер, ман ба Вена барои хондани лексия дар Институти шарқшиносии Ҳаммер-Пургштал сафар кардам. Ҳаммер-Пургштал шарқшиноси австриягист, ки бо тарҷумаҳои худ аз шоирони форс ба забони олмонӣ Волфганг Ҳутеро барои офаридани «Девони Ғарбиву Шарқӣ» илҳом бахшида буд. Ман, аз ҷумла, дар бораи рушди адабиётшиносии тоҷик дар давраи шӯравӣ сухан гуфтам.

Соли 2014, дар доираи таҷлили 450-солагии Шекспир, бо ташаббуси Толибхон Шаҳидӣ «Ду рақс» аз операи «Комде ва Мадан» дар иҷрои оркестри симфонии Британия таҳти роҳбарии дирижёр Филип Морис дар толори Кадогани Лондон садо дод. Ҳамагӣ баъди чанд ҳафта, моҳи октябри ҳамон сол, дар заминаи симпозиуми байналмилалии «Харитаи мусиқии ҷаҳон» дар Консерваторияи ба номи Чайковскийи Маскав, мизи гирд ва ду консерт бахшида ба 100-солагии Зиёдулло Шаҳидӣ баргузор гардид.

14 майи соли 2026 дар Осорхонаи фарҳанги мусиқии ба номи ин композитори шуҳратманди тоҷик шоми ёдбуди мероси Зиёдулло Шаҳидӣ баргузор гардид. Овозхони насли нав – Ҷаҳонгир Расулов бо иҷрои олиҷанобӣ суруди маъруфи «Муҳаббат» бар матни Мирзо Турсунзода ва овозхони барҷастаи итолиёвии фазои байналмилалӣ Либузе Сантаризе, ки суруд ва романси машҳури Комде «Имшаб хоб аз Мадан хабар нест»-ро аз операи «Комде ва Мадан» иҷро кард, оғози ҳамкории нави эҷодиро гузоштанд.

Дар анҷом метавон гуфт, ки ташаккули тасаввурот дар бораи мусиқии Роҳи нави абрешим беш аз пеш ба кори сулҳ хидмат хоҳад кард. Дар ҷое, ки сулҳ ҳаст, дар он ҷо шукуфоии иқтисодӣ ва фарҳангӣ низ ҳаст.

**– Муаллима, барои суҳбати дилнишину гуворо як олам ташаккур.**

– Дарвоқеъ, аз фурсат истифода бурда, тавассути рӯзномаи «Овози тоҷик» мардуми сарбаланди Ӯзбекистонро бо 35-умин солгарди истиқлол самимона табрик мегӯям.

Суҳбаторо

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# БУЗУРГОН ДАР СИТОИШИ СУХАН

*Даҳон бар сухан гуфтан оҷир кун,*
*Хирадро намону забон тир кун.*
**Абулқосим ФИРДАВСӢ**

*Сухан гавҳар шуду гӯянда ғаввос,*
*Ба сахтӣ бар каф ояд гавҳари хос.*
**Низомии ГАНҶАВӢ**

*Сайидо бар сар намоён ҷо намудам хомаро,*
*Сар ба пояш мениҳам ҳар кас сухан мепарварад.*
**Сайидои НАСАФӢ**

*Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,*
*Донистани сад забонаш осон гардад.*
**Аскар ҲАКИМ**

*Шунидам, ки бошад забони сухан,*
*Чу алмоси буррову теғи куҳан.*
*Сухан бифканад минбару дорро,*
*Зи сӯрох берун кашад морро..*
**Абушакури БАЛХӢ**

*Сухан сардафтари девони ишқ аст,*
*Сухан ганҷинаи султони ишқ аст..*
**Бадриддин ҲИЛОЛӢ**

*Сухангӯ ҳазору сухандон якест,*
*Пур аз гул чаманзору хандон якест.*
**ОЗАРАХШ**

*Бетамизиҳои мардум дар сухан пайдо шавад,*
*Пистаи бемағз агар лаб во кунад расво шавад.*
**Бедили ДЕҲЛАВӢ**

**Таҳияи Матёқуб ХОЛМАТОВ,**
**донишҷӯйи факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Бухоро.**

*Бахтиёри ҶУМЪА*

# РЕЗАҲИКОЯҲО

## ҲАВАС ВА ҲАСАД

Дар автобус мерафтам. Дар паҳлӯям ҷавоне менишаст. Дар даст айфони олиҷанобе дошт. Телефонаш – дастёр. Ҳавасам омад.

Вай ба «саёҳат»-и сайтҳои иҷтимоӣ пардохт. Ангуштонаш болои аломатҳои телефон «рақс» мекарданду чашмонаш аз дидану расму хондани матнҳо барқ мезаданд. Медидам, ки вай дар ҷойи нишасташ бо тамоми навигариҳои олам шинос мешаваду ман не, дуди оташи ҳасадам баландтар гардид.

Ба вай занг заданд. Фаҳмидам, ки падар ё модараш аст. Вай ваъда дод, ки вақт ёфта, албатта, ба наздашон меравад. Дертар бо падараш ҳамсуҳбат шудам. Шунидам, ки ҳанӯз ба дидани падару модар нарафтааст. Оташи нафратам забона зад. Наход одам «телефон дорам, ҳар рӯз гап зада истодаам» гуфта, худро аз дидори падару модар маҳрум созад. Охир ӯ нахоҳад, волидонаш шояд ба дидани ӯ зоранд...

Аз телефон надоштанам хурсанд шудам.

## ДИЛАТ ЧӢ МЕХОҲАД?

– Бовар мекунед ё не, мардакҷон, шумо ин шаб ба хобам даромадед. Ончунон хушрӯ, ончунон зебо... Худ ба худ дар дилам гуфтам, ки илоҳо ба мардакҷонам чашм нарасад...

–Шуд, шуд, – мард пеши гапи занашро гирифтанӣ шуда, ангушти ишоратиашро боло бардошт.

Вале занаш эътиборе надода, боз гапашро давом дод:

– Не, ҷонакам, ман рости гапро гуфта истодаам. Шумо барои ман якта. Худи дар лоторея буридагӣ барин. Ҳамаи дугонаҳо ба ҳаёти мо ҳавас мекунанд. «Бахту тахт аз они ту!» – гуфта оби даҳонашон то нӯги пояшон мешорад...

– Бас! Кӣ буданамро ман худам нағз медонам.

–Донед нағзу боз як бор гуфтан зарар надорад, ҷонакам! Дина хонаро баровардам, ҷомашӯйӣ кардам, шиму костуматонро уту кардам. Имрӯз бароятон чӣ хӯрок пазам? Ҳар чӣ қадар барои шумо чӯрӣ барин хидмат кунам, кам аст. Э мурам ман ба қошои сиёҳи шумо...

– Э ҷӯгӣ, як ҳафта-даҳ рӯз боз гӯшу майнаамро мехӯрӣ, гӯй, дилат чӣ мехоҳад? Чанд сӯм даркор?!

## НОТАВОНБИНҲО

Дирӯз рӯзи таваллудам буд. Аз рӯйи одат пагоҳирӯзӣ ҳамкорон як-як ба ҷойи корам даромада, маро табрик намуданд.

– Мисли гулҳои баҳорӣ ҳамеша шукуфон бошед!

– Аз Худо ба шумо умри саъдиёна мехоҳам!

– Дар душвориҳои ҳаёт мисли Аюбпайғамбар пурсабру батоқат бошед!

– Муваффақиятҳо мисли соя ҳамеша аз пасатон давида гарданд!

Дигарҳо ҳам ба умеди зиёфат маро табрику болобардор карда, орзуҳои дилашонро ба забон оварданд. Аламам омад. О таги дили ҳамаашон сиёҳдия! Ақаллан ягонтоаш орзуи милллиардер ё олигарх шуданамро ба забон наоварданд-е!

Ӯҳ нотавонбинҳо-е?!

*Бузургмеҳри БАҲОДУР*

# ВАҚТ ЁБЕД!

*Барои меҳрубонӣ вақт ёбед,*
*Барои сабзҷонӣ вақт ёбед.*
*Барои «дӯст дорам» гуфтани ёр,*
*Барои дилфишонӣ вақт ёбед.*
*Ба як суҳбат, ба як лабханди зебо,*
*Ба васлу комронӣ вақт ёбед.*
*Дилам аз куҳнагӣ озор дидаст,*
*Барои навҷавонӣ вақт ёбед.*
*На дар тақвим бошад арзиши умр,*
*Барои зиндагонӣ вақт ёбед.*
*Пас аз атри гули ёре шамидан,*
*Барои гулнишонӣ вақт ёбед.*
*Тамоми орзуҳо ормонист,*
*Ба умри ормонӣ вақт ёбед.*
*Ману ту ҷовидон ҳаргиз набудем,*
*Ба ишқи ҷовидонӣ вақт ёбед.*

*Юсуфҷон АҲМАДЗОДА*

*Барои бачаҳо*

# МӮРЧАЕ ДОНА ЁФТ?

*Мӯрчае дона ёфт,*
*Аз таги дӯлона ёфт.*

*Шод шуду хона бурд,*
*Дона сари шона бурд.*

*«Оча! Мана, дона! – гуфт,*
*Қариби як тона!» – гуфт.*

*Чеҳраи очаш шукуфт,*
*Гарм бибӯсиду гуфт:*

*– Шукр, калонак шудӣ,*
*Донакашонак шудӣ!*

# АЛАМБАРДОРИ НАСР

**(Аввалаш дар саҳ.3).**

Ин воқеоти сурурангез, яъне пайвастан ба ду иттиҳодияи адибон маънои онро дошт, ки адибони шуҳратёр дар Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ҳунари нигорандагӣ ва истеъдоди фитрии як тан қаламкаши ҳамзабони моро дар навиштани асарҳои мансур эътироф карданд.

Чакидаҳои қаламӣ ӯ зери чандин ҷилд гирдиҳам омада ва дар шакли маҷмуаҳо ба дасти хонандагон расидаанд. «Аз Гулгашти Мусалло то Нақши Ҷаҳон», «Аз санг сахт, аз гул нозук» , «Ҷоми саргардон», «Деҳаи зархез», «Сабзу сурх», «Гули санг» ва «Марзи умед» аз ин қабиланд. Нашри романи «Сабзу сурх» барои ҳавзаи адабии мо як воқеаи таърихӣ буд, чун адибони мо дар иншои асарҳои калонҳаҷм чандон ҷуръат надоранд ва бо нигоштани ҳикоёту қиссаҳо иктифо меварзанд. Падид омадани «Сабзу сурх»- ро бемуболиға метавон таҳаввуле дар насри адабиёти тоҷики Ӯзбекистон муаррифӣ кард.

Қиссаи дигари ӯ бо номи «Ҳасрат» дар жанри тамсил нигошта шуда, ки муаллиф аз забони ҳайвонот ва дар тимсоли онҳо ба таҳлили мавзуъҳои иҷтимоӣ мепардозад ва аз он садо баланд месозад, ки бо тағйир ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ ба рӯйи хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, чун меҳру муҳаббат, расидан ба қадри ҳамдигар... соя афтода, одамон бештар дилозор шудаанд ва аз барои манфиате омода ҳастанд, ки ба ҳам бас озорҳо расонанд.

Бояд гуфт, ки мавзӯи навиштаҳои Юнуси Имомназар басо рангоранг буда, бештар хонандаро ба худшиносӣ талқин месозанд. Вай зиёдтар аз дарди миллат менависад ва аз беҳуввиятии ҳамзабонон, ки ба хотири обрӯ ва парвариши шикам аз миллати худ ҳазар мекунанд, сахт оташин мешавад ва ингуна тоҷикони миллатбезорро сахт зери тозиёнаи танқид мегирад. Аксари мавзуи ҳикоёти муҷази Юнуси Имомназар аз дарди миллат фароҳам шудаву сареҳ таъкид мекунанд, ки бадтарин хиёнат хиёнат ба шири сафеди модар аст. Ӯ зери номи «Аз кӯлбори Дарвеш» силсилаи достонҳои хурдеро гирдиҳам овардааст. Дар ҳикояе аз ин силсила ба қалам омадааст, ки Дарвеш ба хонаи як дӯсти худ меравад ва писараки ӯ дар посухи саволҳои Дарвеш на ба забони модарӣ ҷавоб медиҳад ва аз ҷумла мегӯяд, ки «Падарам ба қабристон рафтаанд, то хокҷои модари худро зиёрат кунанд.» Вақте он дӯсташ аз оромгоҳ бармегардад ва шодон эълом медорад, ки ба зиёрати қабри азизони худ рафта ва дуою фотеҳа кардааст, Дарвеш ғазабнок мешавад ва якрост мегӯяд: « Рафиқ, агар хоҳӣ рӯҳи модарат шод бошад, ба фарзандат забони модарӣ ёд деҳ!» Дар ҳамин ҳикояти муҷаз адиб ҳоли имрӯзи аксари ҳамзабонони моро равшан гуфтааст. Ва дар ҷойи дигар мехонем: «Мои тоҷик ба андозаи ҳамин сабзазор худогоҳӣ надорем! Бубинед, ин сабзаҳо ҳар сол бештар реша зада, паҳнои густурдатарро фаро мегиранд, мо бошем... ҳарчи бештар ба асли насл теша мезанему аз вусъати буда мекоҳему мекоҳем».

Забони асарҳои адиб басо дилнишин буда, аз он шаҳодат медиҳанд, ки вай донандаи хуби ин забон аст ва ҳар вожаро дар мақоми худ ба кор бурда ва худро низ масъул ҳис мекунад, ки ба ҷойи калимоти бегона вожаҳои навро истифода кунад. Вай аз забони имрӯзи ҳамзабонони мо дар Эрон огоҳона ва ба таври гулчин вожаҳоеро ворди забони мо месозад, ки айни вақт забону адабиёти мо эҳтиёҷе доранд. Навиштаҳои ӯ бо сохти нигориши ҳамзабонони мо омезиш ёфта ва ба як сабки алоҳидае мубаддал гаштааст, ки тадқиқи алоҳидае мехоҳад.

Адиб Юнуси Имомназар ба ҷуз аз нависандаи ҳирфаӣ будан мутарҷими хубе ҳам ҳаст. Бо шарофати заҳматҳои ӯ осори нависандагони маъруфи Ӯзбекистон ба забони тоҷикӣ тарҷумаву нашр шудаанд. Таҳти номи «Хирмани сухан» се китобе нашр шуданд, ки аз шарҳи ҳоли мухтасар ва намунаҳои осори чил нависандаи шинохтаи ӯзбек иборат аст. Ҷилди аввал соли 2019 рӯйи чопро дид ва соли 2024 ду китоби дигари «Хирмани сухан» аз тариқи нашриётҳои «Тамаддун» ва «Муҳаррир» ба табъ расиданд. Огоҳ гаштем, ки дар ин авохир пас аз заҳматҳои фаровон романи нависандаи соҳирқаламӣ ӯзбек Абдулло Қодирӣ бо номи «Рӯзгори гузашта» низ дар тарҷумаи Юнуси Имомназар дар Эрон рӯйи чопро дидааст ва ин навиди фарҳангӣ басо фараҳангез буд. Кунун ҳамзабонони мо ҳам дар Эрон намунаи барҷастаеро аз адабиёти ӯзбек мутолиа ва ба ҳунари нигорандагии Абдулло Қодирӣ барин ҳамватани мо таҳсин хоҳанд гуфт. Ин тавр, Юнуси Имомназар собит намуд, ки дар кори тарҷума низ дасти баланде дорад. Вай дар тарғиби адабиёти ӯзбек дар байни хонандагони тоҷик ҳиссаи муносибе гузошта ва созмонҳои адабӣ, чун Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистонро мебояд, ки ба қадри ин заҳматҳо бирасад ва ба мутарҷим дар кори таҳкими дӯстии миллатҳои тоҷику ӯзбек ҷоизаеро эҳдо кунад.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон.**

# ЧИЗИ БЕҲТАРИН

*(Ҳикоят)*

Шоҳе буд ҷавон ва тавоно. Рӯзе ҳангоми сайругашт чашми ӯ ба духтари соҳибҷамоли деҳқоне афтода, ба вай ошиқ мешавад ва ба вазир мефармояд, ки деҳқондухтарро ба ӯ хостгорӣ намояд. Вазир эътироз мекунад: ин кор ҳаргиз ҷоиз нест, айб мекунанд. Вале шоҳ...

Ноилоҷ хоҳиши ӯро ба ҷо меоранд. Баъди тӯй деҳқондухтарро бо аробаи зебу зиннатдодашуда ба дарбор меоранд. Чанд муддат хушу хурсанд зиндагӣ мекунанд, вале ниҳоят гуфтаи вазир рост мебарояд: шоҳ зери таънаву маломати мардум мемонад.

Як бегоҳ аз таъсири майи ноб сархуш мешавад шоҳ ва ба духтар маддаи дил мекафонад:

– Ман дигар тоқати шунидани таънаи мардум надорам.

Аз ҳамин қаср чизи беҳтаринро бигиру баромада рав!

Духтар аввал сахт ғамгин мешавад, вале мегӯяд, ки аз рӯйи гуфтаи шоҳ амал хоҳад кард. Фақат як хоҳиш дорад: боз чанд лаҳза онҳо бо ҳам ба сар баранд.

Шоҳ хоҳиши ӯро мепазирад. Онҳо то бевақтии шаб базм мекунанд. Шабона, чун шоҳ аз таъсири шароб бехуд шуд, духтар бо ҳамон аробаи зебу зинатдодашудае, ки вайро ба дарбор оварда буданд, шоҳро ба ҳавлии падари деҳқонаш мебарад.

Саҳарӣ шоҳ ба худ омада, худро рӯйи кати фарсудае мебинад.

– Ман дар куҷоям? – бо тааҷҷуб мепурсад аз духтар, ки болои сараш меистод.

– Дар хонаи падари ман, – ҷавоб медиҳад духтар.

– Кӣ маро овард?

– Ман!

– Чаро?

Духтар оҳ мекашад.

– Охир, шумо гуфтед, ки чизи беҳтарини қасрро бо худ бубар. Дар қаср беҳтар аз шумо бароям чизе набуд...

Таҳияи **Собир ЭРГАШЕВ,**
*ноҳияи ФОРИШ.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-728.
Адади нашр 2045. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 02.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.